Протоколи

маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

ш. Душанбе № 9 аз 14 ноябри 2026 с.

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 16 нафар бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025 таҳти №353/шд тасдиқ шудааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро 14 нафар (3 нафар онлайнӣ) иштирок доштанд, ки аз инҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия мебошанд.

ШУНИДА ШУД: Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит).

Мавзуи диссертатсия: «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)».

Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиши равандҳои кластерикунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар солҳои 2023-2026 иҷро гардидааст.

Роҳбари илмӣ:

- Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин, доктор (PhD), ходими калони илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

- Қодирова Гулмо Толибовна - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Манучехри Нозимии Рачабзода - доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 3 тақриз ворид гардидааст, ки ҳамааш мусбат аст.

Ба довталаб 6 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзоёни зерини шуро: д.и.и., профессор Саидмуродзода Л.Ҳ., д.и.и., дотсент Кошонова М.Р., д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р., д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н., д.и.и., дотсент Маҳмадалӣ Б.Н. пешниҳод гардид.

Дар муҳокима д.и.и., проф. Дадоматов Д., д.и.и., проф. Кошонова М.Р., д.и.и., дотсент Раҳимов С.Х., д.и.и., дотсент Маҳмадалӣ Б.Н. иштирок намуданд.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб инҳо интихоб шуданд: д.и.и., профессор Обидзода Ф.С. (раис), д.и.и., дотсент Сафозода А.К., д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н. (аъзо).

Дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ шурои диссертатсионии 6D.KOA-100,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули экосистемаи аграрӣ (дар мисоли корхонаҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит) тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалӣ дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори маҷлиси шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Маҳмадуллои Раҳмони Маҳмадалиро бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит) сарфароз гардонад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид-нест, бетараф-нест.
Қарор якдилона қабул гардид (14 нафар).

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ
д.и.и., дотсент **Раҳимов С.Х.**

Аъзои шурои диссертатсионӣ,
д.и.и, профессор **Хочаев П.Д.**